**Хулосаи**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда шудааст (такрорӣ)**

Пешрафти ҷомеа талаботҳо ба забономӯзӣ зарурияти мунтазам такмилу ташаккулдиҳии маҳорат, қобилияту истеъдоди омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷиро талаб менамояд, ки ба беҳдошти тайёрии касбии онҳо, иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ мусоидат менамоянд. Қобилиятҳои коммуникативӣ – нутқӣ барои бо муваффақият таълим додани забони англисӣ ва иҷрои талаботҳои Стандартҳои давлатии таҳсилот хеле муҳим буда, барои рушди тафаккури эҷодӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, масъулиятшиносии касбии омӯзгори оянда муҳим мебошад. Масъалаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативӣ – нутқӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои ташаккули қобилиятҳои коммуникативӣ – нутқии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ бар заминаи санҷиши озмоишӣ яке аз вазифаҳои муҳими назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ буда таҳқиқоти Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна ба он бахшида шудааст.

Арзишмандии кори диссертатсионии мазкурро бо таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- муҳаққиқ ҳангоми иҷрои кори таҳқиқотӣ дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқотиро аз нигоҳи мутахассисони ватанию хориҷӣ омӯхта кӯшиш кардааст дар асоси баҳисобгирии ихтилофҳо дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ фаъолияти илмӣ – ҷустуҷӯии худро пайгирӣ намояд;

- муҳаққиқ ҷабҳаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии ташаккули қобилияти коммуникативӣ – нутқиро дар ягонагии тафаккур ва нутқ, робитаи онҳо дар раванди фаъолияти фикрии инсон таҳлили мантиқӣ – таърихӣ намуда нақши онҳоро дар донишомӯзии донишҷӯён таъкид намудааст;
- масъалаҳои назарияи педагогии фаъолияти нутқӣ, принсип ва қоидаҳои муошрати педагогӣ, функсия, дониш, маҳорату малакахои коммуникативӣ – иттилоотии нутқ, ки ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён, сифатҳои шахсиятию касбӣ мусоидат менамояд, мавриди омӯзишу тавзеҳ қарор дода шудаанд;
- дар аз худ намудани дониш, маҳорату малакаҳои забономӯзӣ омилҳои психологӣ – педагогӣ нақши муҳим доранд ва онҳо дар инкишофи қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён чун омили муайянкунанда амал менамоянд. Аз рӯ муҳаққиқ дар заминаи таҳлили таҳқиқотҳои равоншиносон, педагогҳо дар раванди ташаккули қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён ба ҳисобгирии психологияи синнусолии давраи донишҷӯӣ, мавқеи иҷтимоӣ, ҳавасмандии шахсиятӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, майлу рағбати худоомӯзӣ, фаъолнокии шахсӣ ва мустақилона такмил додани донишу маҳоратро таҳлил намуда ба ҳисоб гирифтани хусусияту қонуниятҳои забони модарӣ – тоҷикии онҳоро ҳангоми аз худ намудани забони англисӣ махсус таъкид кардааст:
- шунидану гуфтан, фаҳмидану иваз кардани иттилоот бо риоя кардани қоидаҳои фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксизии забони омӯхташавандаро дар заминаи забони модарӣ талаб мекунад, ки донишомӯзону омӯзгорони онхо чунин қоидаҳоро ҳангоми ташаккули қобилияти коммуникативӣ – нутқӣ ва таъмин намудани тайёрии касбии мутахассисон – омӯзгорони забони англисӣ ба ҳисоб мегиранд;

- ҳолати омӯзиши забони англисиро дарзаминаи забони тоҷикӣ таҳқиқ намуда мухтавои боҳампайвастагии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон, омилҳои таъсиркунанда ба сатҳи забономӯзии донишҷӯён дар зерхати дараҷаи маҳорати касбии омӯзгорон ва банақшагирии фаъолияти таълиму тарбиявии онҳо, истифодаи ками техника ва технологияҳои таълимӣ нокомилии маҷмуаи таълимию методӣ ва норасоии китобҳои дарсӣ бо забони давлатӣ, сатҳи омодагии донишҷӯён ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ дар якчанд марҳила дар шакли иҷрои супоришҳо ташкил карда шудаанд. Натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ дар ҷадвалҳо ҷой дода шудаанд, ки кулли онҳо самаранокии истифодаи технологияҳои муосири таълимиро дар омӯхтани забони англисӣ, баинобатгирии ҳатмии робитаҳои байнифаннии забонҳои тоҷикӣ, англисӣ, педагогика – қисмати лингводидактика, психология ва ташаккулдиҳии маҳорати коммуникативӣ – нутқӣ ва шахсиятии донишҷӯёнро ҳамчун мутахассисони арзишманд нишон медиҳад. Дар ин раванд нақши омӯзгори фанни забони англисӣ дар роҳабрӣ ба фаъолияти таълимии донишҷӯён ва истифодаи роҳу усулҳо, шаклу намунаи худомӯзӣ ва кори мустақилонаи мутаххасисони оянда махсус таъкид гардидааст;
- таъминоти технологии омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ бо истифода филми таълимӣ хеле ибратбахш аст, ки ҳангоми таҳлили он тамошо кардан, шунидан, фаҳмидан, тарҷума кардани матн, такрор шунидани матн ва диққат додан бо талаффузи овозҳо, муқоисаи матн бо тарҷумаи он, ҷавоб додани нақл, ташкил карда шудааст, ки он самарабахшии истифодаи воситаҳои техникии таълимро исбот мекунад. Инчунин арзишмандии истифодаи бозиҳои дидактикӣ, нақшофарӣ, мубоҳисаҳои педагогӣ, байтбараки тоҷикӣ ва ғайраҳо ҳамчун воситаи таъсиррасонии педагогӣ ва

тақвият бахшидан ба қобилиятҳои коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён пешкаш гардидаанд;

- самаранокии муҳтаво ва низоми технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯхтани забони англисӣ дар ҷабҳаҳои бо ҳам вобаста ва бо ҳам таъсиррасонанда арзёбӣ гардидааст, ки иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва тарбияи ғоявию сиёсӣ, ташаккули мустақилияти зеҳнӣ, фаъолнокӣ дар муоширати байнишахсию байнигурӯҳӣ ва ғайраҳоро таъмин менамояд;
- дар таъмин намудани тайёрии касбии омӯзгорони забони англисӣ омӯзонидани маҳорату малакаҳои марҷумаи матнҳо бо забони модарӣ ва аз забони модарӣ ба забони хориҷӣ, тарҷумаи синхронӣ, ки суръати мухсуси фикрронию ибрози маъноро бо суръати махсус талаб менамояд, аҳамияти махсус дорад. Аз натиҷагирӣ аз чунин кори озмоишӣ чунин бармеояд, ки тарҷумаи синхронӣ, муколама, кор дар гурӯҳ, бо истифодаи айёниятҳои бинoӣ, шунавоӣ ва ғайраҳо самарабахшии методикаи таълими забони англисиро дар гурӯҳҳои забони тоҷикӣ тасдиқ менамояд;

Таҳқиқоти таҷрибавӣ – озмоишӣ нишон дод, ки методикаи таҳия намуда ва амалигардондашудаи муҳаққиқ таъсиррасонии байнифании забони модариро бо забони англисӣ таъмин намуда метавонад ва дар раванди он қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён метавонад ташаккул ёбад.

Диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» кори илмӣ – таҳқиқотии ба анҷомрасида буда, он ба ҳимоя намудан тавсия карда мешавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти рақами № 505 "Тартиб додани унвонҳои илмӣ ва дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор)" ва талаботи КОА – и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) сазовор дониста мешавад.

Мушовири илмӣ,
доктори илми педагогӣ,
профессори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ Маҷидова Б.

Имзои профессор Б.Маҷидоваро
тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.